“ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ”
Ректори Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров”
доктори илмҳои таърих, профессор
_____________ Усмонзода А.И.
«_____» 01. 2025

# ХУЛОСАИ

**кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба диссертатсияи Мирмаматова Манижа Рустамовна дар мавзуи “Рушди самараноки фаъолияти таълимӣ-тарбиявии хонандагон тавассути истифодаи муносибати инфиродӣ – тафриқавӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

Диссертатсияи Мирмаматова Манижа Рустамовна дар мавзуи “Рушди самараноки фаъолияти таълимӣ-тарбиявии хонандагон тавассути истифодаи муносибати инфиродӣ – тафриқавӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дар кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” омода шудааст.

Мирмаматова М.Р. соли 2012 факултети забонҳои хориҷии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” – ро аз рӯйи ихтисоси забони англисӣ (ДТО №0129046 аз 30.06.2012) хатм намудааст.

Дар давраи омода намудани диссертатсия Мирмаматова М.Р. аз соли 2021 ба ҳайси ассистент ва аз соли 2024 то инҷониб ба вазифаи омӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумӣ ва унвонҷуи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” фаъолият бурда истодааст.

Мавзуи таҳқиқотии Мирмаматова Манижа Рустамовна дар Шурои олимони Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” таҳти №9 аз 02.04.2018 муҳокима ва тасдиқ гардида, аз ҷониби Маркази миллии патенту иттилооти Вазорати

рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №7319 аз 22.06.2022 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Шаҳодатнома доир ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ (минимум) аз 25-уми майи соли 2021 бо баҳои "аъло" аз тарафи Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Шаропов Шавкат Аҳмадович - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МТД "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров".

**Дар асоси муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсияи Мирмаматова Манижа Рустамовна дар мавзуи "Рушди самараноки фаъолияти таълимӣ-тарбиявии хонандагон тавассути истифодаи муносибати инфиродӣ – тафриқавӣ" таҳқиқоти комилу анҷомёфтаи илмиест, ки дорои аҳаммияти назариявию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад.

***Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот.*** Масъалаи рушди самарабахшии таҳсилоти хонандагон тавассути истифодаи таълими инфиродӣ - тафриқавӣ дар асоси маводҳои забони англисӣ дар илми педагогикаи муосир яке аз муҳим ва баҳсталаб ба шумор меравад, зеро бо мақсади рушди босуботи тамоми соҳаҳои ҳаёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ислоҳоти ботадриҷ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ташаккули низоми таҳсилоти муосир ва ҷавобгӯйи талаботи замон, таҳкими заминаҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ аз ҷониби Президенти кишвар маориф ҳамчун соҳаи афзалиятнок эълон гардидааст.

Ислоҳоти соҳаи маориф дар шароити муосир ҳам ба мақсадҳои рушди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ҳам воситаҳои татбиқи онҳо таъсир мегузорад. Хусусиятҳои инсонгароии соҳаи маориф дар чанд самт, аз ҷумла, дар раванди таълими инфиродӣ ва тафриқавӣ амалӣ гашта, ба хусусиятҳои фардиву равонӣ, қобилият ва имкониятҳои хонандагон такя мекунад.

***Алоқамандии мавзуи таҳқиқот бо самтҳои афзалиятноки рушди илми муосир.*** Таҳқиқоти диссертатсионии Мирмаматова М.Р. як қисми нақшаи дурнамои корҳои илмӣ – таҳқиқотии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" барои солҳои 2020-2025 дар мавзуи "Асосҳои педагогии татбиқи таълими салоҳиятнокӣ дар синфҳои ибтидоӣ ва муассисаҳои махсуси таълимӣ" ва муқаррароти Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 маҳсуб меёбад.

***Мувофиқатии диссертатсия ба талаботҳои Дастурамал.*** Диссертатсия ба талаботи "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории

диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмӣ”, ки аз тарафи КОА муқаррар шудааст,ҷавобгӯй мебошад. Матни он ба талаботи нигориши рисолаҳои илмӣ мувофиқ буда, тибқи талабот ва меъёрҳои банди 3-и дастурамали номбаргардида таҳия гардидааст. Нақшаи коркарди диссертатсия, мақсад, вазифа ва хулосаву пешниҳодҳои бадастомадаи диссертант баёнгар ва далели гуфтаҳои мазкур мебошанд.

Диссертатсия дар асоси омӯзиш ва таҳлили асарҳои фалсафӣ, педагогӣ, психологӣ ва дигар рисолаҳои илмӣ таҳия гардидааст.

***Моҳияти назариявӣ ва методологии таҳқиқот.*** Асосҳои назариву методологии мавзуи таҳқиқотиро ғояҳои фалсафӣ, сотсиологии муносибати системавии фардии фаъолият дар таълим ва тарбия, қонуниятҳо ва принсипҳои психологию педагогӣ ташкил медиҳад. Дар таҳқиқоти мазкур методу усулҳои зерин: равиши бонизом нисбати назария ва амалия бо баҳисобгирии мавзуи таҳқиқот, омӯзиш ва таҳлили асарҳои педагогӣ, психологӣ, сотсиологӣ, таърихӣ, ҳуқуқӣ, ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами педагогӣ, инчунин таҳлили нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо ва китобҳои дарсӣ ва ғайра мавриди истифода ва татбиқ қарор дода шудаанд.

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаву натиҷаҳои бадастомада исбот менамояд, ки истифодаи таълими инфиродӣ - тафриқавӣ дар асоси маводҳои забони англисӣ боиси рушди самарабахшии таҳсилоти хонандагон мегардад, ки яке аз масъалаҳои муҳим ва ҳалталаб дар марҳилаи имрӯза маҳсуб меёбад.

***Навгонӣ ва аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки:***

- мураккабию бисёрҷабҳагии мафҳуми “муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълим” муайян гардида, гунаи мукаммалтари он ҳамчун мафҳуми интегралию комплексӣ пешниҳод шудааст;

- шароитҳои педагогии ташкили муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ ба таълим, ки самаранокии онро чун талаботи инфиродии таҳсили хонандагон зимни муайян намудани мазмуни таълим таъмин менамоянд ва ҳамгироии шаклҳои гуногуни мазмуну мундариҷаи таълим, истифодаи шаклҳои гуногуни ташкили таълими инфиродӣ - тафриқавӣ муайян гаштаанд;

- усулҳои амалигардонии ин шароитҳо дар раванди воқеии таълим бо назардошти талабот ба кадрҳои баландихтисос коркард шуданд, ки барои баланд бардоштани натиҷаҳои таълим дар мактаб имкон фароҳам меорад;

- амсилаи педагогӣ асоснок ва таҳия гардид, ки ба ташкили муносибати инфиродӣ – тафриқавӣ дар таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нигаронида шуд.

***Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.*** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла *банди 1 –*

“Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ” (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ), *банди 6* – “Консепсияи таҳсилот” (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот), *банди 7* – “Педагогикаи амалӣ” (ҷамъбасткунии таҷрибаи педагогии пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ) мувофиқат мекунад.

***Саҳми илмии довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳалли масъала ва коркарди илмии мавзуъ.*** Муаллифи диссертатсия дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот: дар иштироки бевоситаи ӯ дар ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асоснокқунии мавзуъ, тартиб додани сохтори рисола, муайян кардани мақсаду вазифа ва объекту предмет, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ доир ба мавзуи таҳқиқот, дар ташкил ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ, ҷамъоварӣ, таҳлил ва мураттабсозии натиҷаҳои рисолаи таҳқиқотӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия, таҷассум меёбад.

***Асоснокӣ ва боэътимодии таҳқиқот*** ба якчанд корҳои бунёдӣ, ки ба масъалаҳои сифат ва моҳияти таълими инфродӣ-тафриқавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, салоҳияти касбии омӯзгор, арзёбӣ ва мониторинги омодагии касбии муаллим, меъёрҳои сифати дониши хонандагон, ташхиси педагогӣ ва технологияи истифодаи таълими инфродӣ-тафриқавӣ бахшида шудаанд, такя менамояд.

***Арзиши илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии таҳқиқот.*** Моҳияти арзишмандии илмӣ ва амалии диссертатсияро хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар асоси таҳлилу баррасии натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оиди ташкили муносибати инфиродӣ – тафриқавӣ дар таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба даст омаданд, дар ҳалли масъалаҳои марбут ба баланд бардоштани сифати таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҷумҳурӣ дорои аҳамияти хоса мебошанд; тавсияю пешниҳодҳо оид ба ҳолати кунунии равияҳои марбут ба ташкили муносибати инфиродӣ–тафриқавӣ дар таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар рисола баёни худро ёфтаанд, дар таҷрибаи муассисаҳои таълимӣ метавонанд ҳамчун заминаи назариявӣ ба инобат гирифта шаванд; равишҳои таҳлилию ташхисии истифодашуда метавонанд ҳамчун маводи методӣ ҳангоми тадриси машғулиятҳои амалии мувофиқ ба эътибор гирифта шаванд; натиҷаҳои бадастомада метавонад ҳамчун заминаи мувофиқи иттилоотӣ барои таълифи монография ва дастурҳои таълимию методии ба мавзуъҳои муносибати инфиродӣ – тафриқавӣ дар таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, андозагириҳои педагогӣ, истифодаи усулҳои математикию

оморӣ дар таҳқиқоти педагогӣ ва монанди инҳо хизмат намояд. Истифодаи методикаи муносибати инфиродӣ – тафриқавии коркардшуда ба баландбардории сатҳи натиҷабахшии таълими мактаббачагон, тағйир ёфтани муносибати онҳо ба таҳсил, инкишофи мақсаднок бо хусусиятҳои шахсӣ ва фитрӣ мусоидат мекунад.

***Тавсиб ва интишороти натиҷаҳои таҳқиқот.*** Натиҷаҳои таҳқиқот ва ғояҳои асосии таҳқиқот, инчунин пешниҳоду тавсияҳои илмии таҳқиқот дар 13 маколаи илмии муаллифи диссертатсия инъикос ёфтаанд, ки аз он 6 мақола дар нашрияҳои шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба табъ расидаанд.

## I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА ФР ба табъ расидаанд:

[1-М]. Таълими инфиродию тафриқавӣ ҳамчун масъалаи муҳими илми педагогика. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №8, (ISSN 2074-1847), ш.Душанбе, соли 2018.

[2-М]. Татбиқи муносибати ба амалия тамоюлдошта дар таълими мактаббачагони хурдсол. Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ ISSN 2663-5534), Бохтар, 2019.

[3-М]. Ҷанбаҳои илмию методии таълими инфиродию тафриқавии хонандагон дар шароити муосир. Паёми Донишгоҳи миллииТоҷикистон №5, (ISSN 2074-1847), ш.Душанбе, соли 2019.

[4-М]. Ҷанбаҳои назариявии моделсозии раванди ташкили таълими ба амалия нигаронидашудаи хонандагон. Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. (силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ. №3), (27). 2019,

[5-М]. Таълими инфиродӣ-тафриқавӣ чун муаммои педагогӣ. Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. №4 (49), Душанбе, 2023.

[6-М]. Татбиқи муносибати инфиродӣ – тафриқавӣ дар раванди таълим бо назардошти хусусиятҳои равонӣ ва синнусолии хонандагон. Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. №1-2(134), (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ, ISSN 2663-5534), Бохтар , 2025.

## II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

[7-М]. Хусусиятҳои муносибати инфиродию тафриқавӣ дар раванди таълими мактаббачагони хурдсол. Масъалаҳои мубрами таълиму тарбияи

насли наврас: Маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ-Хуҷанд: Меъроҷ, 2019- 476с.

[8-М]. Таълими фардӣ-тафриқавӣ чун воситаи рушди зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ . Машъалафрӯзи маориф. "Тоҷпринт" Хуҷанд-2022.

[9-М]. Оиди баъзе масъалаҳои омодагии омӯзгорон ба ташкили муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ . "Масъалаҳои мубрами омодагии касбии омӯзгорони оянда дар фаъолияти макотиби олӣ". -Хуҷанд: "Нури маърифат", 2023. 227с.

[10-М]. Омодагии омӯзгорон ба ташкили муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълим ва тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ "Роҳ ва воситаҳои тайёр намудани омӯзгорони оянда ба корҳои тарбиявӣ дар мактаб". - Хуҷанд: "Нури маърифат", 2023. 420с.

[11-М]. Ташаккули тарзи ҳаёти солим дар ҷавонон. Конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ бахшида ба 30-солагии Рӯзи байналмиллалии оила "Масъалаҳои иҷтимоӣ-психологии оилаи муосир ва роҳҳои таъмини устувории он. ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Душанбе,15-майи с. 2023.

[12-М]. Мавқеи оила дар омодасозии насли наврас ба ҳаёти хонаводагӣ. Конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Модернизатсия ва трансформатсияи фаъолияти илмӣ дар шароити рақамисозӣ". Стерлитамак, Федератсияи Русия.

[13-М]. Аҳамияти тарбияи иқтисодӣ дар рушди ҳаматарафаи мактаббачагони хурдсол. Конференсияи байналмиллалии илмӣ-амалӣ "Муаммоҳо ва дурнамои рушди илмҳои педагогӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ". Хуҷанд, 15.10.2024

***Мутобиқати диссертатсия ба талаботи Низомнома.*** Таҳқиқоти диссертатсионии Мирмаматова Манижа Рустамовна дар мавзуи "Рушди самараноки фаъолияти таълимӣ-тарбиявии хонандагон тавассути истифодаи муносибати инфиродӣ – тафриқавӣ" ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот кори илмии тахассусии баанҷомрасида буда, ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсиянии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 ва бо тағйироту иловаҳо аз 26.06.2023 таҳти №295 тасдиқ шудааст, пурра мутобиқ менамояд.

Хулосаи мазкур дар асоси тақризи ташхисгарон – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Элмуродова Садбарг Худойназаровна ва номзади илмҳои

педагогӣ, дотсент Раҳмонова Дилбар Зикриёевна мураттаб гардида, дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" дар асоси қарори протоколи №6 аз 23.01.2025 қабул ва тасдиқ карда шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд **17** нафар.

**"Тарафдор"** 17 нафар

**"Зид"** нест

**"Бетараф"** нест

Қарор бо як овоз қабул карда шуд.

**Раиси ҷаласа:**

Мудири кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Ализода Ш.

**Ташхисгарон:**

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" — Элмуродова С.Х.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" — Раҳмонова Д.З.

Котиби ҷаласа: — Ғафорова С.П.

**Маълумот барои тамос:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1; тел: (+992) 926245002, e-mail: shoirakhon. valizoda@mail.ru

*Имзои н.и.п., дотсентон Ализода Ш., Элмуродова С.Х., Раҳмонова Д.З. ва Ғафорова С.П. – ро тасдиқ менамоям.*

Сардори РК ва КМ-и МДТ"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" — Сайдуллозода З.С.